***Тарма магар фақат зуҳуроти табиат аст?***
***Эҳтимол он зодаи тарс дар шуури мост…***

**Тунджер Жуженоғлу**

# Т А Р М А
**(ÇIĞ)**

TUNCER CÜCENOĞLU
cucenoglutuncer@gmail.com
tcucenoglu@hotmail.com
www.tuncercucenoglu.com

**Иштирокчиён:**

**Зани Калонсол**
**Марди Калонсол**
**Мард**
**Зан**
**Зани жавон**
**Марди жавон**
**Момодоя**
**Сарвари жамоат** ***(община, мард)***
**Узви жамоат** ***(зан)***
**Узви жамоат** ***(мард)***
**Посбони 1**
**Посбони 2**

*Деҳаи хурде, ки аз чаҳор сӯ кӯҳҳо печонида гирифтаанд, жиҳози дохилии хона ҳамон тарзе, ки ба деҳаи кӯҳи хос аст… Шӯшаҳо ба чашм мерасанд, онҳо дар лаби тирезаву бомҳо овезонанд… Сари девор ду милтиќ овехтаанд, ки милњояшон ба сӯи ҳамдигаранд… Нағора, зоҳиран, дар кунж шах шуда мондааст, интизор аст, ки кай онро менавозанд.*
*Зану шавҳари жавон аз кунжи чап дар жои баҳри онҳо жудошуда хобидаанд.*
*Дар меҳмонхона зани кӯҳансол ба оташ наздиктар жой гирифтаву назар ба сақф дӯхтааст. Вай интизории мекашад: гоҳе каме ғанабаш мебарад, ва гоҳе дигар бедор мешавад… Дар шафати зан марди кӯҳансол ба хоби сахт рафтааст. Чунин таассурот ба вужуд меояд, ки гӯё ӯ ҳузур надошта бошад.*
*Аз жониби рост дар кунж Мард ва Зан хобидаанд…*
*Ин оромӣ аз ибтидо то анжоми спектакл боқӣ мемонад… Ќаҳрамонон ҳангоми қадамзанӣ ва ҳаракат мекӯшанд, ки мабодо ягон садое бароранд. Чунон эҳсос мешавад, ки гӯё кадрҳои навори суст намоиш дода мешаванд.*
*Қахрамонон кӯшиш менамоянд, ки бо овози баланд гап назананд, ба ҳеж важҳ хашар-хушур накунанд, дар жараёни амалият ҳисси аз ғавғо ҳарос доштани онҳо бояд ба тамошобин ҳам гузарад.*
*Оҳиста-оҳиста субҳ медамад… На садои ак-аки сагон ва на жеғ задани хурӯсон ба гӯш мерасанд…*
*Хомӯшӣ комилан ҳукмфармост…*
*Баробари падид омадани рӯз хонаро дурахши бениҳоят сафед фаро мегирад…*
*Айни замон сукут торафт муассиртар мегардад…*
*Зани калонсол мебинад, ки ҳама ғарқи хобанд, нахустин шуда аз жой бармехезад… Бесадо берун мебарояд. Баъди як муддат бармегардад ва аз ошхона чизеро гирифта, саросема мехӯрад…*
*Зани Жавон дар жогаҳ нимхез мешавад, рӯй турш мекунад… Равшан аён аст, ки вай дард мекашад… Вай дудила аст, ки шавҳарашро бедор кунад ё на… Аз ин иқдом даст мекашад ва хапу жим аз жогаҳ мехезад. Маълум, ки вай ҳомила аст.*
*Зани Калонсол наздик омадани Зани Жавонро ҳис намуда, бошитоб ба жогаҳ дароз мекашад… Худро ба хоб меандозад…*
*Зани Жавон бешавқун ҳаракаткунон баҳри дастухокшӯӣ берун мебарояд…*
*Зани Калонсол луқмаи даҳонашро зуд фурӯ мебараду аз паи Зани Жавон назорат мекунад. Пас аз як фурсат Зани Жавон ба меҳмонхона бозмегардад… Вай зоњҳиран хотиржамъ аст… кӯшиш мекунад, ки ҳамчунон ором қадам гузорад… Ба гумони он ки Зани Калонсол хоб аст, ғамхорона болояшро бо рӯйжо мепӯшонад, ба гӯшаи худ меравад ва мехобад…*
*Акнун Мард бармехезад. Тавассути меҳмонхона бесадо ба саҳни ҳавлӣ мегузарад…*
*Зани калонсол боз худро хоб вонамуд месозад…*

*Мард бармегардад, бо меҳрубонӣ рӯйжоро ба болои Зани Калонсол мепартояд, ба кунжи худ гузашта, даруни жогаҳ медарояд…*
*Зани Калонсол аз жогаҳ нимхез шуда, бепарво ба атроф менигарад ва ба қаъри андешаҳои хеш фурӯ меравад…*
*Зани Жавон ногаҳон бар асари дарди жонкоҳ дар жогаҳ нимхез мешавад… Эҳтимол, ӯро чаҳордард гирифта бошад…*

**Зани Жавон** – (*ба шавҳараш даст расонда*). Бихез…
**Марди Жавон** – *(хоболудона*). Чӣ гап?
**Зани Жавон** – Шикамам…
**Марди Жавон** – Чӣ шикамат?
**Зани Жавон** – Дард мекунад…
**Марди Жавон** – Ба берун баро…
**Зани Жавон** – Рафта омадам…
**Марди Жавон** – Хайр, чӣ?
**Зани Жавон** – Боз ҳам дард мекунад… Метарсам…
**Марди Жавон** – Аз чӣ метарсӣ?
**Зани Жавон** – Чӣ хел аз чӣ?
**Марди Жавон** – Шояд шамол хӯрдай… Боз чӣ шуданаш мумкин?

*Хомӯшӣ. Мард зоҳиран вазъиятро пай мебарад.*

**Марди Жавон** – Аҳволат чӣ тавр?
**Зани Жавон** – Ба назарам, дард сар дод…
**Марди Жавон** – Ана дидӣ, ҳеж жои ҳарос нест…
**Зани Жавон** – Ман боз фикр, кардаам, ки…
**Марди Жавон** – Аз чӣ хусус?
**Зани Жавон** – Гумонам, ки дардгирӣ шурӯъ шуд…
**Марди Жавон** – Магар ин имконпазир аст?
**Зани Жавон** – Ин тавр бошад, дард аз кужо?
**Марди Жавон** – Ҳамааш оддӣ, шикамат дам кардааст, ту бошӣ, хаёл кардӣ, ки дардгирӣ оғоз ёфт.
**Зани Жавон** – Жунбид… Межунбад…
**Марди Жавон** – *(даст ба рӯи шикам мегузорад).* Чӣ хел беқарор аст! Медонӣ, вай ба дидани олам шитоб дорад… Моро дидан мехоҳад…
**Зани Жавон** – Боз чанд рӯзи дигар тоқат бояд кунад…
**Марди Жавон** – *(дасти занро мегирад*). Гӯш кун, ҳамаашро аз хаёлат дур андоз… Боз як моҳи дигар ҳаст… Ҳеж жои хавфу бим нест. Дар мавзеҳои мо то ҳол чунин нашудааст, ки бачаҳо пеш аз мӯҳлат таваллуд шаванд…
**Зани Жавон** – Вале, мегӯянд, ки чунин ҳодиса жой дошт…
**Марди Жавон** – Кӣ ба ту ин сафсаттаро гуфт?

**Зани Жавон** – Бибикалонат… Зани ҳомиларо зинда ба зинда гӯронидаанд…

**Марди Жавон** – Вай чй, инро ҳам ба ту қисса гуфт?

**Зани Жавон** – Не, вай ба модарат ҳикоят кард, ман ногузир шунидам. Медонй, аз таърихи ин қисса ҳама духтарон хабардоранд. Ҳар яки онҳо инро дар хоби даҳшатангез мебинанд. Ман баробари ҳомила шудан, умуман, аз хобидан меҳаросам…

**Марди Жавон** – Хайр, он воқеа замонҳои пеш рух додааст… Ва дигар ҳељ гож такрор наёфтааст… Ту бояд андак хоб кунй…

*Зани Жавон чашмонашро мепӯшонад, мекӯшад, ки ғанаб равад. Ноороми, акнун зоҳиран ба Марди Жавон гузашт... Вай андешаманд мӯйҳои занашро сила мезанад... Рӯшании аз берун вурудомада ба таври назаррабо сафед мешавад... Аммо баробари афзудани равшанй хомӯшии тазйиқовар низ амиқ меравад...*

**Зани Жавон** – Агар ҳақиқатан дардгирй шурӯъ мешуд, чй мекардем?

**Марди Жавон** – Ин тавр шуданаш мумкин нест…

**Зани Жавон** – Чаро мумкин нест?

**Марди Жавон** – Чунки мӯйсафедон ҳамаашро ҳисобу китоб кардаанд.

**Зани Жавон** – Онҳо чй, ҳеж гоҳ саҳв намекунанд?

**Марди Жавон** – Онҳо не!

**Зани авон** – Барои чй?

**Марди Жавон** – Барои он ки хатояшон хеле гарон меафтад…

*Як муддат хомӯшй ҳукмфармо мемонад.*

**Зани Жавон** – Охир ту ҳам тарсидй-ку…

**Марди Жавон** – Ин магар табий нест?

**Зани Жавон** – Дар ин ҳол тарси маро низ фаҳмидан мумкин …

**Марди Жавон** – Албатта фаҳмидан мумкин… Вале алҳол вазъият дигар аст. Ду рӯз пас мо дигар намеҳаросем, тарс барҳам мехӯрад. Ба муддати се моҳи расо! Асп ва харҳо, гов ва гӯсфандҳо, саг ва мурғони моро баргашта инҳо меоранд. Ту дар партаву садои тирпарронии милтиқҳо ва ғулғулаи нағораҳо кӯдак таваллуд мекунй… Вай нидои аввалинро мебарорад, нидои озодро! Ва ҳеж кас нахоҳад тарсид… Чунки ҳеж жои тарс намемонад… Се моҳи том… Баъди боридани барфи аввал мо ту ва тифлро тавассути кӯҳҳо мебарем, аз ин жо мекӯчем. Чунки нахустфарзандамонро бидуни тарсу ҳарос ба воя расонем… Агар хоҳй, ман ба ту баъзе гапҳоро мегӯям, фаќат махфй?

**Зани Жавон** – Бигӯ.

**Марди Жавон** – Мо дигар ҳеж гоҳ ба ин жо барнамегардем. Мисли дигар зану шавҳарони жавон, ки то мо инжоро тарк гуфтаанд. Меравем ва сокини шаҳр мешавем. Бидуни тарсу ҳарос зиндагонй  мекунем… То дами фаро расидани нафаси маргро эҳсос намудан ва он гоҳ ба ин жо бармегардем… Ба мисли мўйсафедонамон…

**Зани Жавон** – Ҳатто тобистон ҳам ба ин жо намеоем?

**Марди Жавон** – Туву писарамон мемонетон, ман бармегардам. Чунки баҳри мўйсафедон барои зимистон бояд захира таҳия кунем.

**Зани Жавон** – Ту мегўй, ки «бо писарам»… Аз кужо донистй, ки мо писардор мешавем… Мабодо духтар шавад-чй…

**Марди Жавон** – Бале, эҳтимол духтар шавад… Ман, ҳамту, инро дар омади гап гуфтам…

**Зани Жавон** – Мо дар шаҳр зиндагонй мекунем, волидайн ин жо мемонанд… Намедонем, ки дур аз онҳо зиндагиамон чй тавр сурат мегирад?..

**Марди Жавон** – Онҳо ҳам дар ин о ягон дилкашолие надоранд. Метавонанд ҳамроњи мо раванд.

**Зани Жавон** – Ин тавр бошад, бигузор, падару модари ту низ бо мо бираванд. Агар мо ҳама якжоя кўч бандем, дигар зарурати ба ин тарафҳо баргаштани ту намемонад.

**Марди Љьавон** – Ту хуб медонй, ки падару модарам аз ин жо ба ҳеж кужо намераванд… Мўйсафедон ба ин жо омадаанд, то ки маҳз ҳамин жо бимиранд… Мо бояд ғами кўдакамонро хўрем… Бигузор вай ақаллан бе тарсу њарос ба воя расаду зиндагй кунад… Марди оқиле гуфтааст: «Тарс қудрату тавони фикрронии инсонро пахш менамояд… Тарс фикри одамро ба кажй мебарад ва ин эҳсоси аз ҳама даҳшатангез аст. Нагузоред, ки фарзандонатон ба ин гирдоб ғарқ шаванд, ҳама он чизи мо дидаро аз сар гузаронанд». Ман ҳаргиз ва ҳеж гоҳ ба ин роҳ намедињам…

*Марди Жавон фақат ин лаҳза пай бурд, ки хоби занаш бурдааст. Вай оҳиста мехезад ва ба меҳмонхона мегузарад. Зани Калонсол вонамуд мекунад, ки хоб аст.*

**Марди Жавон** – Модаркалон, ту хобй ё?..

**Зани Калонсол** – Чй гап шуд, писарам?

**Марди Жавон** – Баъзе чизњоро пурсидан мехостам…

**Зани Калонсол** – Чиро, писарам?

**Марди Жавон** – Ту чанде пеш ба модарам қисса гуфтай… Яъне, кадом як замоне, зане таваллуд кардааст…

**Зани Калонсол** – Чй шуд, ки ба он саргузашт мароќ зоҳир намудй?

**Марди Жавон** – Ҳамсарам хеле ба тарсу ҳарос афтодааст.

**Зани Калонсол** – Эҳа, вай аз чй метарсад? Ин ба ў дахл надорад!

**Марди Жавон** – Албатта, дахл надорад. Вале занам сахт метарсад. Жавон аст, ҳассос… Рости гап, рағбати маро ҳам бедор кард. Бигӯ он қиссаро, модаркалон…

**Зани Калонсол** – Ман он айём хеле жавон будам, ба мисли зани ту. Мо чаҳор нафар арӯсони жавон будем.. Тӯйи ҳамаро якбора пурдабдаба гузаронданд. Вале то шаби аввали никоҳ зарур буд, ки на кам аз чаҳор моҳ интизор шавем… Мӯйсафедон ба мо инро хубу амиқ фаҳмонданд… Аммо як жуфти мо гапро гӯш накард… Пинҳонӣ вомехӯрданд… Лекин баъд… Дардгирӣ шурӯъ шуд… Се моҳ қабл аз давраи хавфнок… Баъд ҳарчӣ буд, буд…

**Марди Жавон** – Яъне чӣ буд?

**Зани Калонсол** – Ќонунҳо ба ҳама маълуманд… Зуд момодояро жеғ績 занонд. Шӯрои кӯҳансолон ҳамъ омад ва қарор баровард… Дугонаи моро дар қабри тоза канда гӯронданд.

**Марди Жавон** – Шавҳараш чӣ?

**Зани Калонсол** – Хеле ашк рехт… Зорию тавалло кард… ҳатто мехост якжоя бо занаш зери хок гузоранд… «Дар ин маврид ночорӣ» – рӯйрост гуфтанд ба ӯ…

**Марди Жавон** – Охир ин жабр аст ба жони инсонҳо!

**Зани Калонсол** – Ҳамин хел зарур буд, писарам. То дигар одамон зинда ҳаёт ба сар баранд. Боз чӣ кор ҳам мекардем…

**Марди Жавон** – Шояд даҳонашро маҳкам мекарданд, то дод назанад…

**Зани Калонсол** – Садои тифли навзодрочӣ? Овози кӯдак ҳамаро метавонист нобуд созад… Медонӣ, писарам, ҳатто бераҳмонатарин қонунҳо барои саодати одамон офарида шудаанд…

**Марди Жавон** – Дигарон ба гӯранду мо хушбахт. Ин магар хушбахтист?

**Зани Калонсол** – Ту, писарам, дар ин бора фикр накун. Буд ва гузашт. Беҳуда нагуфтаанд, ки як бадбахтӣ аз ҳазор маслиҳат авлотар аст. Он марг, мана бубин, беш аз панжоҳ сол аст, ки ҳамаро дар гирдоби ҳарос нигоҳ медорад…

*Марди Жавон чанд лаҳза ором мемонад, сипас, аз жой бархоста, берун меравад. Аз кунжи рост Зан пайдо мешавад. Нигоҳаш ба Зани Калонсол меафтад...*

**Зан** – Шумо чаро хоб намекунед?

**Зани Калонсол** – Хӯрдан мехоҳам…

**Зан** – Камтари дигар мехобидед.

**Зани Калонсол** – Пойҳоям агар мадор медоштанд, зарурати туро хоҳиш кардан мебуд?

**Мард** – Имрӯз корамон бисёр аст… Ҳамаро бедор кун.

*Марди Жавон меояд. Мард ишора мекунад, ки фурсати бедор кардани келин фаро расидааст. Марди Жавон сар меафшонад, жониби кунжи худ меравад ва сари Зани Жавон хам шуда, мӯйҳояшро навозиш мекунад... Зани Жавон дасти ӯро мегирад... Ҳамин тариқ, чанд лаҳзаи хушбахтӣ пушти сар мешавад.*

**Марди Жавон** – Аҳволат чӣ тавр?
**Зани Жавон** – Ҳамааш хуб…
**Марди Жавон** – Ана дидӣ, ман ба ту гуфта будам… *(хомӯшӣ).* Имрӯз як олам корро ба субут бояд расонем… Шояд ту, мехезӣ…

*Зани Жавон аз љой мехезад... оњиста љогањро меѓундорад... Марди Љавон ба вай кӯмак мерасонад, баъд ҳарду сӯи меҳмонхона мераванд. Зан ва Зани Жавон дастархон мекушоянд, Мард ва Марди Жавон аз девор милтиқҳоро гирифта, ба тоза кардан медароянд... Зан ва Зани Жавон бесадо ба рӯи дастархон маводи ғизой меоранд ва меҳмонхонаро ба тартиб медароранд... Баъди андак муддат милтиќҳо тоза, дастархон ороста шудааст. Марди Жавон баъди милтиқро тоза кардан, ба он тир жой карданӣ мешавад...*

**Мард** – Ҳоло не. Фурсаташ меояд…
**Марди Жавон** – Оби чалак чӣ қадар мондааст?
**Мард** – Қади се ангушт холӣ шудааст…
**Марди Жавон** – Рафта бинам-чӣ…
**Мард** – Бирав…

*Марди Жавон ба берун меравад.*
*Марди Калонсол аз кунжи дур падид меояд...*
*Назди Мард омада, милтиқро ба даст мегирад ва қундоқашро мемолад...*

**Марди Калонсол** – Мо кай тир меандозем?
**Мард** – Шояд пагоҳ, падар…
**Марди Жавон** – Қадри дуним ангушт…
**Мард** – Хайр… Эҳтимол имрӯз ҳамааш об мешавад ва мо милтиқ ба даст мегирем… пагоҳ бегоҳӣ, шояд аниқ…
**Марди Жавон** – Кош зудтар фаро мерасид! Аз интизорї, љонам ба лаб омад!
**Мард** – Чӣ жои ташвиш аст? Бигузор, бемалол об шавад, як рӯз пеш, як рӯз дер, чӣ фарқ дорад! Моро касе тел-тела накунад!
**Марди Калонсол** – Ҳама жавонон мераванд… Мераванду дигар баргашта намеоянд… Вале мо баргаштем… Акнун ҳамеша инжоям, бинобар њамин мехоњам аввалин шуда тир кушоям. Доимо чунин буд… Ҳозир низ ҳамчунон мешавад… То жовидон ҳамин тавр хоҳад буд…

*Мардҳо сари миз мешинанд. Ҳамагон мекӯшанд, ки ягон садои зиёдатӣ набарояд, ором тановул мекунанду чой менӯшанд… Марди Калонсол чизе намехӯрад… Бемаъно рӯи миз менигарад…*

**Мард** – Бихӯр, падар…

**Марди Калонсол** – Бар ҳоли ман механданд… Мегӯянд, ки мисли фил наздик омадани маргро ҳис карда, баҳри мурдан ба зодгоҳаш баргаштааст…

**Мард** – Бигузор, ҳарчӣ хоҳанд гуфтан гиранд… Ба касе лозим бошад, мефаҳмад… Ту ба ин жо барои он гашта омадӣ, ки мавзеҳои атрофро дӯст медорӣ…

**Марди Калонсол** – Ман худам ҳам дақиқ намедонам, ки ба хотири чӣ баргашта омадам. Ҳатто аз милтиқ паррондан ҳам ҳоло шавқу завқ намебахшад… Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд?

**Зани Калонсол** – Биё, сафсаттагӯй бас, хӯрок хӯр!

**Марди Калонсол** – Даматро гир! Ба ҳар ош журғот нашав!

**Зани Калонсол** – Илова бар ин гиря ҳам кун! Шарм надор! Ҳолат сабук мешуда бошад, нола карда шиштан гир!

*Марди Калонсол ба кунже меравад… Акнун субҳи содиқ дамид… Марди Жавон назди Марди Калонсол меояд, то ки ӯро тасаллӣ диҳаду ором намояд…*

**Марди Калонсол** – Медонӣ, писарам, ман як бародар доштам… Аз ман ду сол калон … Ба ҳадде бачаи дамдузд буд, ки бо касе гап намезад… Мо аз тармафарой сахт метарсидем… Вай аз ҳама бештар ба ҳарос меомад… Гоҳо шабона аз хоби даҳшатнок тарсидаву як қад парида мехест… Аъзои баданашро арақи сард зер мекард… Ман борҳо мепурсидаам, ки чӣ шуд? Вале ҳеж жавоб намедод… Баъд бо хоҳиши ӯ қавл додам, ки ба касе даҳон намекушоям ва буду шуди гапро қисса кард… Зоҳиран, гуфт ӯ, ақлам талқин менамояд, ки ҳодиса ҳар лаҳза рух доданаш мумкин аст ва дарҳол анжом мепазирад. Ҳар қадар эҳтиёткорӣ нишон диҳӣ ҳам, кафолати ҳамаро дода наметавонӣ. Баногоҳ ягон нафар саҳву саҳлангорӣ содир мекунад. Баъд чӣ? Ва дар як лаҳза тамом… Дигар ҳељ коре аз дастат намеояд… Аз ҳама даҳшатовараш ин аст, ки ягон роҳи нажот низ нест. Бародарам сахт метарсид. Тарс дар ниҳоди ту одам нобуд месозад… Гулӯятро буѓӣ мекунад, аз дарун сӯҳон мезанад… Боре вай боз миёни шаб бедор шуд ва ба ман гуфт: «Ман худи ҳозир мехоҳам рост ба кӯча бароям ва фарёд занам! Худро ба даст гирифта наметавонам, мехоҳам бо тамоми ҳастиям фарёд барорам!» Ту чӣ, ақлатро хӯрдӣ магар? Мо ҳама мемирем! Ту худ аз ҳамин

метарсидӣ… Чӣ, акнун ба ҳарос намеафтӣ? Вай дар жавоб: «Аз йӣ тарсам? Ман аз тарсидан хаста шудам… Умедвор ҳам нестам, ки ягон вақт тарсро лажом мезанам! Мурдан ва дигар аз чизе наҳаросидан беҳтар аст, назар ба он ки ҳамеша дар гирдоби тарс бошӣ… Ман то охирин тавоноиям доду фарёд бардоштан мехоҳам! Фақат дар он ҳолат ман аз ҳама тарсу ҳарос раҳой меёбам… Ман дод задан мехоҳам!..» Ман ба ӯ гуфтам: «Хайр, майлаш… вале ту тарси моро низ барҳам мезанӣ…», суханамро ба охир нарасонда маро даҳшат фаро гирифт! Мабодо вай ин суханҳоро жиддӣ пиндорад ва дар ҳақиқат фарёд кунад?..

*Марди Калонсол хастаҳолона ба як нуқта менигарад. Марди Жавон беқаророна идомаи ҳикоятро интизор аст, вале мефаҳмад, ки Марди Калонсолро ноаён ғанабаш бурдааст… Зани Жавон, ки зарфҳоро мешуст, ногаҳон мекалавад, дар важоҳаташ дард зуҳур мекунад. Марди Жавон оҳиста, то касе чизеро пай набарад, назди ӯ меравад.*

**Марди Жавон** – Чӣ гап шуд?
**Зани Жавон** – Боз дардгир …
**Марди Жавон** – Мегузарад…
**Зани Жавон** – Дарди сахт аст! Худоё! Тоб намеорам…
**Марди Жавон** – Тоқат кун… Илтиҳо мекунам, сабур бош…
**Зани Жавон** – Вале тоқат ғайриимкон…
**Марди Жавон** – Мажбур сабр мекунӣ!

*Зани Калонсол ногувориро пай бурда, сабабашро фаҳмидан мехоҳад ва синчакорона онҳоро мушоҳида менамояд…*

**Зани Калонсол** – Чӣ гап шуд, писарам?
**Марди Жавон** – Ҳеж гап не, бибикалон, ҳамааш хуб аст…
**Зани Жавон** – Ман чӣ кор кунам?
**Марди Жавон** – Ҳеж кас набояд чизеро пай барад.
**Зани Жавон** – Чӣ хел?
**Марди Жавон** – Рафтем, ба кунжи худамон.

*Жавонон оҳиста ва эҳтиёткорона ба кунжи худ мегузаранд. Марди Жавон баҳри занаш жогаҳ мепартояд ва ӯро мешинонад… Пиразан ҳамоно гӯшу ҳуш аст, то ягон ҳарфе бишнавад…*

**Марди Жавон** – Ҳоло аҳволат чӣ хел?
**Зани Жавон** – Дард идома дорад…
**Марди Жавон** – Тоқат кун, мегузарад…

**Зани Жавон** – Омад ба сарам, аз ҳар он чизе, ки метарсидам… *(мегиряд).* Худоё, Худовандо, акнун аҳволам чӣ мешавад? Чӣ кор кунам?

**Марди Жавон** – Ҳанӯз фурсат фаро нарасидааст… Мову ту бори нахуст дар оғози сол ба висоли ҳамдигар расида будем… Нӯҳ моҳ ҳоло нагузаштааст… Дардат сабук мешавад… Навмед мабош!

*Зан танҳо акнун ҳузур надоштани келинро пай мебарад... Таънаомез ба зарфҳои ношуста менигарад... Накӯҳишкорона ба шустани зарфҳо мепардозад... Мард тахтаро ранда мекунад... Пиразан аз кунҷ чашм намеканад, он ҷо ҷавонон пичир-пичир доранд... Марди Калонсолро хеле сахт хобаш бурдааст...*

**Зан** – Ту келинро надидӣ?

**Мард** – Онҳо ба кунҷи худ рафтанд… Чӣ буд?

**Зан** – Зарфҳои ношустаро партофта мондааст…

**Мард** – Ту ҳама корро ба сари вай бор накун… Ҳа нагуфта таваллуд мекунад…

**Зан** – Ман чӣ, магар назоидаам? Маро ҳеҷ кас ин хеле эрка накарда буд! Таваллуд мекардааст!.. Ҳамин ҳам гап шуду…

**Мард** – Хайр, занак, ором шав…

**Зан** – Дарвоқеъ, ман ба ҳама кор фурсат меёфтам! Ҳам зоидам, ҳам аз паи мӯйсафедон шудам!

**Мард** – Хайр, чӣ, зиндагӣ ҳамин аст… Фарзандонамон моро парасторӣ мекунанд…

**Зан** – Ту боз ба кӯмаки ҷавонони ҳозира умед мебандӣ?.. Кадоме аз онҳо ба ин ҷо баргаштааст? Ҳоло мебинӣ, фарзандашон тавлид ёбад… Мераванд. Ба хаёлат бармегарданд? Хестӣ, ки хобӣ.

**Мард** – Писари мо дигар хел… Вай бармегардад…

**Зан** – Вай-ку эҳтимол нияти баргаштан кунад, аммо зани ӯ розӣ мешавад? Вай охир фақат гапи занашро мешунавад, дар рӯяш меҳр дидагӣ… гӯё зани дигарон ҳомила намешаванд…

**Мард** – Сабӯс барин вазнин шав! Беҳуда нагуфтаанд: Хушдоман!

**Зан** – Гапи ростро ба забон гирӣ, зуд хушдоман ба ёд мерасад.

**Мард** – Ту чӣ ин қадар мелаққӣ-а? Худат ҳам ҷавон будӣ-ку…

*Як муддат хомӯшӣ ҳукмфармо мегардад. Зани Ҷавон осуда шуд... Марди Ҷавон аз рӯи ӯ бо сачоқ қатрҳои арққро пок менамояд...*

**Марди Жавон** – ДидЙ, ҳамааш паси сар шуд…

**Зани Жавон** – Ҳа, худоро шукр…

**Марди Жавон** – Мабодо ягон гумон баранд… Шояд ба он ҷо равем-а?

*Онҳо ба меҳмонхона меоянд… Зани Жавон жониби зарфҳо меравад. Марди Жавон дар шафати падараш мешинад, дигар тахтаро гирифта, ба рандаронӣ сар мекунад…*

**Зан** – Келинжон, жонатро накоҳон. Ман ҳама зарфҳоро шустам.
**Марди Жавон** – Модар, мефаҳмӣ, андак сараш чарх зад.
**Зани Жавон** – Аз ман наранжед, модар. Камтар ҳаракат карданам душвор… Ба ҳар ҳол мекӯшам, то ба қадри тавонам ёрӣ расонам…

*Зани Калонсол аломатҳоеро зоҳир менамояд, ки ана-мана атса мезанад… Дасту по хӯрда ба атроф назар меандозад ва оқибат болинро ёфта, бо он рӯяшро мепӯшонад, атса мезанад…*

**Зани Жавон** – Саломат бошед, бибикалон!

*Марди Калонсол ногаҳон бедор мешавад ва монолог-андешаҳои худро аз ҳамон жои таваққуф намудааш идома медиҳад.*

**Марди Калонсол** – Ту ба ин кор даст намезанӣ! Ту набояд фарёд кунӣ! Мо ҳама, ҳамаамон њалок мешавем! Ту чӣ, магар намефаҳмӣ, ки мо ҳамагон мемирем? «Мефаҳмам, вале ҳеж иложи дигар надорам… Маро кадом жозиба сӯи ҳавлӣ мекашад ва талқин менамояд, ки бо тамоми овоз дод занам!..» Ӯ ба ман инро қисса мекунад ва ман азобу ранжашро мефаҳмам… Ман ҳамеша аз пасаш наззора мекардам. Ба ҳавлӣ равад, ман аз ақибаш… Ва бо илтижо ба чашмонаш менигарам… баъзан мешуд, дастонашро карнай мекард, назараш ба чашмонам бармехӯрду… Дандон ба дандон мемонд ва бо душворӣ худро ба даст мегирифт… Боре ба ман гуфт: «Ман дигар акнун фарёд кардан намехоҳам!» Наход ин гапат рост бошад? «Бале», – мегӯяд ӯ. Оҳ то чӣ ҳад ман он лаҳза хушнуд шудам!.. Вай ба ман мегӯяд: «Медонӣ, ман чӣ кор мекунам? Аз милтиқ мепарронам! Бале, бале, аз милтиқ мепарронам! Баробари тир кушоданам, чандин зинаҳои тарма фурӯ меравад!» Оҳ, худоё! Бародарам, тамоман девона шудааст… рост пеши назари ман… ва ҳеж давое нест… Назди падарам рафтем, ҳамаашро начаккондаю нарезонда нақл кардам. «Ин хуб аст, ки вай фарёд задан намехоҳад, – гуфт падарам, – патронҳоро мо пинҳон мекунем ва ҳеж воқеа рух намедиҳад…» Ман розӣ набудам: «Ин роҳи халосӣ нест, падар… Агар ӯ тир парронда натавонад, аз ночорӣ қаҳраш меояд ва ҳатман фарёд мезанад… Бо тамоми овозаш – ва он гаҳ вой бар ҳоли мо! Бигузор вай бародари калониам ва писари туст, ту падар, ӯҳдадор ҳастӣ, ки аз ин хусус ба Шӯро

хабар расонӣ, вагарна ман иттило медиҳам! Падарам нигарист… «Ту ҳақ астӣ!» – оқибат гуфт ба ман… Ва рафту аз боби ҳамааш дар Шӯрои кӯҳансолон қисса кард… Ӯро оромона шуниданд… Дуру дароз жавобе надоданд… Падарам дар навбати худ мепурсад: «Нисбати писарам чӣ чора мебинетон? Ман ба донистан ҳақ дорам…» Кӯҳансолон каме таҳаммул карда: «Бубахш, мо имконияти интихоб надорем… Тарма моро гӯронад гуфта, интизор шишта наметавонем! Даҳонашро маҳкам мекунем, дасту пояшро мебандем ва дуртар пинҳон мекунем…» «Ба чанд муддат?» «То паси сар шудани хавфи тармафарой». «Чӣ тавр инсон бе обу хӯрок зиндагӣ карда метавонад? Шумо ӯро дидаву дониста, ба марг маҳкум менамоед». Вале гапи падарро дигар намешуниданд… Дасту пояшро бастанд, даҳонашро маҳкам карданд, даруни хонаи бекора гузошта, дарро аз берун қуфл заданд… Баъзан посбонон ба ӯ хӯрок медоданд… Барои он ки вай ногаҳон дод назанад, як нафар бо дастони калонаш даҳони ӯро мекушоду дигаре хӯрок меандохт… ин ҳол понздаҳ рӯз идома дошт… Ба гуфтан осон, понздаҳ рӯз! Баъд омаданд ва гуфтанд: «Писари шумо мурд!» Бо марги худ мурд ё посбонон буғӣ кардаанд, – асли гапро ҳеж надонистем…

*Марди Калонсол оҳиста аз жой мехезад ва ба ҳавлӣ мебарояд. Ҳама хомӯш бо нигоҳ ӯро мегуселонанд…*

**Зани Калонсол** – Баъди ин воқеа вай тағйир мехӯрдагӣ шуд. Зоҳиран ба ёди бародарғамгинӣ мекашад. Гуноҳаш назди бародар гулӯяшро фишор меорад…

*Баногоҳ Зани Жавон боз аз дардгирӣ тоб мехӯрад… бемуҳобот дуқат мешавад… Бо душвории зиёд то жогҳњаш мерасад… Марди Жавон инро пай бурда, аз пасаш меравад… Вай аз зан чашм намеканд… Инро Зани Калонсол низ пай мебарад…*

**Зани Жавон** – Дигар тоқат надорам… Худоё!.. Наметавонам.
**Марди Жавон** – Илоҳи дигар нест… Боз андак вазнин шав…
**Зани Жавон** – Ин чаҳордард аст… Ақлат мегирад ё на! Оҳ, парвардигоро! Ягон чора бикун! Маро нажот деҳ!

*Зани Калонсол ниҳоят мефаҳмад, кижљони гап дар кужост ва оҳиста аз жояш бармехезад…*

**Зани Калонсол** – Писарам! Келин!
**Марди** – Чӣ воқеа рӯй дод, модар?

**Зани Калонсол** – Келин таваллуд мекунад!
**Мард** – Чиҳо мегӯй?

*Ҳама саф кашида жониби жавонон мераванд... Як муддат хомӯшона рафти воқеаро мушоњида менамоянд. Мард ва Зани Жавон ҳатто ҳузури онҳоро пай намебаранд...*

*Марди Жавон бо имову ишора занашро ором карданӣ мешавад... Занаш аз дард печутоб мехӯрад...*

**Мард** – Чӣ гап шуд, писарам?
**Зан** – Чӣ воќеа рух дод-а?
**Марди Жавон** – Ягон гапи жиддӣ не…
**Зан** – Гӯш кун…
**Зани Жавон** – Шикамам дард мекунад… Ҳозир мегузарад…

*Зани Жавон табассумкунон базӯр аз љой мехезад ва ба мењмонхона мегузарад... Бо тамоми љонаш мекӯшад, то касе пай набарад, ки дарди девонаворро њис мекунад... Вале дигар тоќатро аз даст дода, рӯи фарш мешинад...*

**Зан** – Худовандо! Ин чаҳордард аст!
**Марди Жавон** – Э, не-я, модар… Шикамаш ҳамту дард мекунад!
**Зан** – Кош ҳамин тавр бошад… Шояд об нӯшидан хоҳӣ?..
**Зани Жавон** – Ман дигар тоқат карда наметавонам… *(Ба нолиш медарояд).*
**Марди Жавон** – *(бо даст даҳонашро пӯшонда*). Ҳоло ҳозир мегузарад…
**Зан** – Заб гап задӣ, намегузарад…
**Мард** – Худаш чӣ гап, чӣ њодиса?
**Марди Жавон** – Ҳамту, шикамаш дард мекунад, падар…
**Зан** – Ман медонам ё ту? Чанд бор зоидаам… Ин дардгирист!.. Чаҳордард аст!
**Мард** – Оҳ, худоё!
**Зани Калонсол** – Ман ба шумо гуфтам-ку!
**Зан** – Акнун ањволамон чӣ мешавад?

*Зани Жавон ғайричашмдошт осуда шуд... Зоҳиран дард басанда гашт. Зан беҳолу ором монд...*

**Марди Жавон** – Ман ба шумо гуфтам-ку, мегузарад… Акнун дидед, ки ҳамааш хуб аст…
**Зан** – Тушбераро хом шуморидӣ. Ҳозир боз аз нав сар мешавад…
**Мард** – Ту аз кужо медонӣ?
**Зан** – Аз кужо? Шаш фарзанди туро таваллуд кардаам… Рост аст, ки ду нафарашон зинда монданд. Ин дардгир аст.

*Як муддат хомӯшӣ ҳукмфармо мегардад. Ҳар нафар, зоҳиран кӯшиш менамояд, ки жавҳари воқеаро дарк намояд...*

**Марди Жавон** – Чаро ин қадар боэътимодӣ, модар?

**Зан** – Худи ҳозир ман чӣ гуфтам? Ба ғайр аз ту ман панж дафъа ин ҳолатро аз сар гузарондаам…

**Мард** – Бояд санжида бинем.

**Зани Жавон** – Лозим нест… Ҳамааш паси сар шуд… Шикамам дард мекард, акнун монд…

**Зани Калонсол** – Ҳамин хел мешавад… ба дард медарояд, сонӣ сар медиҳад, боз дард мекунад, баъд мегузарад… Ва аз нав…

**Марди Жавон** – Хайр, ин чӣ аст?..

**Мард** – *(қатъӣ).* Бирав, ва момодояро жеғ зан!

**Марди Жавон** – Мо вазифадор ҳастем, ки ӯро даъват намоем… Агар дардгир набошад, ҳеж гапе нест… Хотири мову шумо жамъ мешавад…

**Марди Жавон** – Агар дардгир бошад чӣ?

**Мард** – Он гоҳ айни муддаост! Рав, момодояро фарёд кун!

**Марди Жавон** – Падар, ин агар дар ҳақиқат дардгир бошад, пас?..

**Зан** – Он гоҳ фикр мекунем, ки чӣ бояд кард… Ҳоло… дигар иложе нест… мо бояд момодояро даъват кунем…

*Боз хомӯшӣ ҳукмфармо мешавад. Ҳар нафаре, зоҳиран, аз чӣ хусус побанди андеша аст...*

**Мард** – Ин гуна масъулиятро бар ӯҳдаи худ гирифта наметавонем… Ҳар сонияи кашолкорӣ муқобили мо хоад буд. Қоидаҳоро бояд риоя намоем…

**Марди Жавон** – Лекин…

**Мард** – Мо ҳақ надорем ҳаёти дигаронро зери хатар гузорем! Аз боби ҳар яки ин гуна зуҳурот мо бояд ба мақомоти дахлдор иттилоъ диҳем… Мо қоидаҳоро медонем ва хилофи он амал карда наметавонем… Момодояро жеғ зан…

**Марди Жавон** – Жеғ намезанем!

**Мард** – Момодояро бояд жеғ зад!

**Марди Жавон** – Ҳеж гуна дардгир нест ин! Пештар ҳам чанд бор ҳамин хел шуда буд, берун рафта меомад, вассалом… Ҳамааш бажо… Шумо мебинед-ку, ҳолаш хуб аст! Биёед, камтари дигар интизор шавем…

**Мард** – Чиро интизор шавем? Мехоҳед, ки дар пеши назари мо таваллуд кунад?..

**Марди Жавон** – Таваллуд намекунад!

**Мард** – Ту аз кужо медонӣ? Мо бояд боэътимод бошем… Ман ба ту гуфтам: «Момодояро жеғ зан!»

**Марди Жавон** – Як дам ист, модар. Биёед, шитоб накунем…

**Мард** – Ту беҳуда фурсатро аз даст медиҳӣ! Гапро кашол надеҳ, момодояро жеғ зан! Жеғ зан мегӯям ба ту!

**Зани Жавон** – Як дам истед, модаржон! Бубинед, ҳамааш гузашт… Аҳволаш комилан хуб аст… Ягон жои ташвиш нест! Мо ба шумо қасам мехӯрем, ки ин дардгир нест!

**Зани Калонсол** – Агар ин дардгир набошад, пас чӣ жои тарсу ҳарос аст? Момодоя низ инро тасдиқ кунад, ҳамагон – мову шумо ором осуда мешавем… Ҳамин хел не, писарам?

**Мард** – Модар жони гапро мегӯяд… Боварамон бояд комил бошад… Ба ин масъала фақат момодоя нуқта гузошта метавонад…

**Марди Жавон** – Рафту воқеан ҳам дардгир бошад-чӣ?...

**Зан** – Писарам, агар мо сари вақт иттилоъ надиҳем, жазои сахт мебинем! Ту чӣ, фаромӯш кардӣ? Одамеро, ки хавфи эҳтимолиро пинҳон медорад, жиддӣ айбдор меҳисобанд…

**Мард** – Бигӯ, шумо магар то рӯзи муайяншуда робитаи маҳрамона доштед?

**Марди Жавон** – Падар, наход, ки ту аҳм гумони бад барӣ?

**Мард** – Ин хел боша, чаро аз даъвати момодоя ҳарос дорӣ? Гап зан, сабаб чист? Бигӯ! Хомӯш наист! Ту чӣ, сухани маро намешунавї! Ягон ҳарфе гӯй!

*Мард назди писараш меояд ва сахт гоҳ дасташро, гоҳ китфу бозувонашро мефишорад, мехоҳад ќаҳру ғазаби ӯро таскин диҳаду фурӯ нишонад…*

**Марди Жавон** – Гумонат хатост, падар! Қасам мехӯрем, ки мо гуноҳ надорем!

**Мард** – Пас чӣ боис аст, ки ту новаст ин қадар метарсӣ? Ту падарсаг натавонистӣ як моҳи дигар тоқат намоӣ? Мо акнун бо кадом рӯ ба чашми мардум нигоҳ мекунем? На шарму ҳаё дорӣ, на виждон! Ҳамон шаҳвати балозадаат ҳам туро ва ҳам моро ба ҳалокат мерасонад. Шараф, обрӯву эътибор – ҳама муқаддасотро ту олондӣ, пушти по задӣ! Ҳама, имрӯз ҳама аз мо рӯ мегардонанд… Магар натавонистї, ки банди эзоратро мањкамтар бандї? Акнун саратро ба сангоб зан! Ҳамаро барбод додӣ… Ба як мирӣ фурӯхтӣ…

**Марди Жавон** – Ман ба ту мегӯям, падар, аз мо ягон номаъқулӣ сар назадааст!

**Зани Жавон** – *(мегиряд).* Падар, мо хуфту хоб накардем! Гуноҳе надорем, ба Худо савганд мехӯрем!

*Мард як лаҳза карахт мемонад... Дурудароз ба чашмони зану шавҳари жавон менигарад ва мефаҳмад, ки сахтгирӣ аз њад гузашт… Зан ӯро ба як тараф мебарад.*

**Зан** – Ба ту гуфтанд, ки ягон гуноҳ содир накардаанд… Онҳоро осуда гузор…

*Мард аз назди писараш дур меравад ва оҳиста-оҳиста ором мешавад…*

**Мард** – Хайр, гуноҳ, ки набошад, ҳожати гап ҳам нест… Ба ҳар ҳол иқдоми хуб, як бори дигар санжида, эътимод ҳосил кардан зарар надорад… Бирав, момодояро биёр… Зудтар бош, дудила наист! Фурсатро кашол надеҳ, чаққон шав!

**Зан** – Ман ба ӯ чӣ гӯям?

*Мард чанд лаҳза ба андеша меравад… Гоҳ ба писараш, гоҳ ба келин менигарад, зоҳиран аз онҳо мадад межӯяд…*

**Мард –** Ҳамин хел бигӯ: «Аҳволи келинамон бад метобад… Ба ҳар эҳтимол, як бор аз назар мегузарондӣ, хотирамон жамъ мешуд». Вале фаромӯш накун, ки дардгирии зан шурӯъ шудагӣ… Мабодо фикр кунанд, ки мо махсус момодояро дер фарёд кардем!

*Зан бошитоб, аммо бе шавқун болопӯшашро ба китф партофта, ба кӯча мебарояд… Зани Жавон дар ҳолати ночорӣ монда, бесадо гиря мекунад. Дигарон зери ҳаяжону изтироб интизор меистанд… Оқибат дар кушода мешавад ва Зан ворид мегардад…*

**Мард** – Чӣ шуд?
**Зан** – Гуфтам.
**Мард** – Вай чӣ гуфт?
**Зан** – Ҳозир меояд.
**Мард** – Чаро ҳамроҳат наомад?
**Зан** – Маълум шуд, вай вазифадор будааст, ки аввал ба посбонон хабар диҳад.

*Зан ба кунжи келин мегузарад… Андак дудила мӯйҳояшро навозиш мекунад, ба ин васила ӯро таскин доданист.*

**Зани Жавон** – Момодоя омад?
**Зан** – Ҳозир меояд. Дар набудани ман ягон гап набуд?
**Зани Жавон** – Не, тинжӣ…
**Зан** – Кош бало дур мерафту ҳамааш ба хубӣ меанжомид!
**Зани Жавон** – Худованд меҳрубон аст…
**Зан** – Шояд ин умуман дардгир набошад!
**Зани Жавон** – Эҳтимол…
**Зан** – Ту аз ман намеранӣ-а, духтарам?
**Зани Жавон** – Чӣ хел ман аз шумо хафа мешавам, модар?

**Зан** – Мо магар ягон илож доштем? Охир мо вазифадор будем, ки ҳарчи зудтар огоҳ намоем… Ман агар ин корро намекардам, ягон каси дигар ёфт мешуд… Аздусар касе бояд хабар диҳад…
**Зани Жавон** – Ман медонам… *(хомӯшӣ)*. Ман метарсам, модар…
**Зан** – Аз дасти мо чӣ ҳам меояд, духтарам?
**Зани Жавон** – Ман сахт ҳарос дорам, модар…
**Зан** – Худо мегӯему мешинем…

*Аз рӯи аломатҳо аён аст, Мард тариқи тиреза дид, ки Момодоя омад… Вай хеле дар изтироб аст… Ӯ ба назди Зан меояд.*

**Мард** – Меоянд!

*Мард ва Зан дарро мекушоянд…*

**Зан** – Хуш омадед! Гузаред…
**Мард** – Марҳамат, хоҳиш мекунем…
*Аввал Момодоя медарояд, аз паси ӯ Посбон ворид мешавад…*

**Момодоя** – Субҳ ба хайр.
**Посбони 1** – Хонаатон обод бод!
**Мард** – Салом алайкум!
**Марди Жавон** – Субҳ ба хайр!
**Зан** – Хуш омадед!
**Зани Калонсол** – Умедворем, дугона, ту ба мо хабарҳои хуш мерасонӣ!

*Момодоя ва Зани Калонсол ҳамдигарро ба оғӯш мегиранд…*

**Момодоя –** Садсола шавӣ, дугона! Корҳоят чӣ тавр, писарам?
**Марди Жавон –** Ин ҳеж гуна дардгирӣ нест. Фақат саломатиаш андак коҳиш ёфтааст…
**Момодоя –** Худо кунад, ки ҳамин хел бошад, писарам…
**Зан –** Холажон, шояд чой менӯшед?
**Момодоя –** Дар ин гуна мавридҳо, азизам, ҳар дақиқа ғанимат аст! Корро кашол надиҳем… Аввал бубинем, агар дардгирӣ нест, пас худо хоҳад бо дугонаам ҳатман чой менӯшем…
**Зан –** Худо хоҳад!
**Момодоя –** Худо хоҳад… Келин кужост?

*Зан пеш мегузарад, аз паси ӯ Момодоя…*

**Мард** – Ту чаро рост истодай?

*Посбони 1-ум гузашта мешинад... Момодоя назди Зани Жавон меояд... Ба хотири ором кардан мӯйҳояшро навозиш мекард. Мебинад, ки зан дар паҳлӯяш истодааст...*

**Момодоя** – Ту ҳоло берун баро… Зарур афтод, жеғ мезанам…

*Зан назди дигарон мебарояд... Ҳама бо ҳажон интизорӣ мекашанд...*

**Момодоя** – Орзу дорем, ки зудтар офият биёбӣ, духтарам!
**Зани Жавон** – *(бо овози ларзон*). Ташаккур, бибикалон.
**Момодоя** – Сараввал камтар сӯҳбат мекунем. Майлаш?
**Зани Жавон** – Хуб шудааст, бибикалон…
**Момодоя** – Фақат аз рӯи виждон, рости гапро мегӯй, хуб?
**Зани Жавон** – Албатта, бибикалон…
**Момодоя** – Ту духтарам, кай бори аввал шабро бо шавҳарат рӯз кардӣ?
**Зани Жавон** – Дар миёнаи моҳи декабр…
**Момодоя** – То он дам байнатон ягон алоқа набуд? Масалан, бӯсобӯсӣ, ва ба ҳамин монанд… Аз рӯи бетажрибагӣ гоҳо мешавад… Ту чизеро набояд аз ман пинҳон намой…
**Зани Жавон** – Ман, бибикалон, ягон гапро пинҳон намедорам…
**Момодоя** – Ниятам нек аст, ба ҳамин хотир мепурсам…
**Зани Жавон** – Қасам ба номи Худованд, ман ҳақиқати ҳолро мегӯям!

*Момодоя бо ангуштон мешуморад... Баъд дубора ҳисоб мекунад...*

**Зани Жавон** – Ман сахт метарсам, бибикалон…
**Момодоя** – Ҳеж жои тарс нест. Аз рӯи мӯҳлат ҳамааш мувофиқ меояд… Тибқи ҳисоби ман то соати таваллуд камаш як моҳи дигар ҳаст…
**Зани Жавон** – Худо кунад, бибикалон…
**Момодоя** – Агар ту, ҳақиқатан аз ман чизеро пинҳон намедорӣ, пас ин дардгир нест…
**Зани Жавон** – Бибикалон, ба виждонам қасам, ман аз шумо ягон гапро руст накардаам. Кушоду равшан гуфтам. Охир мо кай бо ҳам буда метавонистем? Мо ҳатто якдигарро аз дур дида наметавонистем…
**Момодоя** – Хайр, майлаш, духтарам… Магар боруту оташро паҳлӯи ҳам мегузоранд? Бар замми ин, ту шояд он ҳодисаи даҳшатангезро шунидай…
**Зани Жавон** – Шумо ҳамон занро ҳам аз назар гузаронда будед. Бибикалон?
**Момодоя** – Не, духтарам… Ё ба назарат ман то ба ин ҳад пири афсурда метобам? Он воқеа як замоне буд, ки … Ва аз ҳамон айём инжониб, худоро шукр, дигар такрор наёфтааст… Худованд нишон надиҳад…

**Зани Жавон** – Кош ҳамин тавр бошад…

**Момодоя** – Хайр, тарсу ҳаросат бартараф шуд?

**Зани Жавон** – Бале бибикалон…

**Момодоя** – Хеле хуб. Тарсидан лозим нест… Бар сари фарзанди одам ҳарчӣ ояд, бигзарад… Акнун туро муоина кардан мумкин аст… То ки вазъиятро дақиқ намоем… Канӣ дароз каш… Пойҳоятро рост кун… Ана ҳамин хел, хеле хуб… Дидӣ, жои ҳарос нест… Ана, тамом. Кай бори нахуст эҳсоси дард кардӣ?

**Зани Жавон** – Пеш аз ба ин жо омадани шумо…

**Момодоя** – Маро фиреб додан маънӣ надорад… Кай дардро ҳис кардӣ? Ту бояд бифаҳмӣ, инро донистани ман зарур аст, вагарна… Натарс, мо ба ҳеж кас намегӯем… фақат донистанам даркор. Умедворам, ту ба ман бовар дорӣ?

**Зани Жавон** – Албатта, бовар мекунам, бибикалон…

**Момодоя** – Ин тавр, ки бошад, ба ёд биёр, ки кай дафъаи аввал дард гирифт?

**Зани Жавон** – (*бежуръатона*). Ҳанӯз субҳ надамида …

**Момодоя** – Боз?

**Зани Жавон** – Сонӣ боз як хурӯжи дигар буд…

**Момодоя** – Баъд чӣ?

**Зани Жавон** – Боз як хурӯж…

**Момодоя** – Ва боз як…

**Зани Жавон** – Не, бибикалон, дигар набуд…

**Момодоя** – (*каме мулоҳиза карда*) Медонӣ, духтарам, ман охир модаратро хуб медонам… Чанд сол ҳамсоя будем… Бовар намо, духтарам, ман хеле, хеле афсӯс мехӯрам, аммо вазифадорам, ки аз ин хусус ба Шӯрои кӯҳансолон хабар диҳам. Қоида ҳамин хел аст, ту бояд фаҳӣй… Ғами дигаронро низ бояд хӯрем! (*базӯр пичирросӣ*) Ту ба онҳо фақат аз хусуси дардгири охирин гап зан. Фаҳмо?

**Зани Жавон** – Фамҳидам, бибикалон, ташаккур!

**Момодоя** – Вагарна аҳли хонавода ҳам зарар мебинанд! Ва аз Худо умедвор шав! Худованд кариму раҳим аст! Эҳтимол он дардгир ҳам набошад…

**Зани Жавон** – Худо мададгор…

*Момодоя бесадо назди дигарон мебарояд…*

**Мард** – Хайр, чӣ гап?

**Момодоя** – Об бошад, дастамро мешустам…

*Зан об мебиёрад ва ба дастони Момодоя мерезад…*

**Зан** – Хулосаатон чӣ? Дардгир аст ё на?

**Момодоя** – (*дасташро пок карда*) Ман ҳам умедвор будам, вале афсӯс, насиб набудааст… Аз ман қаҳратон наояд, аммо фурсати чой нӯшидан надорем… Ман ӯҳдадорам, ки худи ҳозир ахборот диҳам. Қонун чунин аст… Боз чӣ ҳам гӯям? Худро бақувват гиред *(Ба Посбони 1-ум*). Ту ҳамин жо бимон!

*Момодоя шитобон меравад... Зан ӯро гусел мекунад... Ҳамагон тариқи нигоњ Марди Жавонро, ки бо димоғи сӯхта назди ҳамсараш мерафт, мегуселонанд... Зану шавҳари жавон ором ҳамдигарро ба оғӯш мекашанд... Марди Калонсол пайдо мешавад, ба атроф менигарад... Посбони 1-умро мебинад...*

**Марди Калонсол** – Агар ақидаи маро донистан хоҳед, бародарам бо марги худаш намурдааст! Ӯро куштаанд! Бераҳмона куштаанд! Ин шумо, ҳа, ҳа, шумо вайро куштед! Шумо! Бо дастонатон гулӯяшро буѓӣ кардед!.. Қотилон!.. Посбонҳои қотил!..
**Посбони 1-ум** – Ӯ чӣ сафсатта мегӯяд! Киро мо буѓӣ кардаем? Ман касеро буѓӣ накардаам!
**Зани Калонсол** – Инҳо дигар посбонҳоянд… Ту ҳамаро саҳву омехта кардӣ…
**Марди Калонсол** – Яке аз онҳо ана ҳамин одам буд! Ман медонам, ин туй! Ќотил!
**Мард** – Аҳамият надеҳ… Ба назараш он воқеае, ки хеле солҳо пеш рух дода буд, ҳозир сурат мегирад… Худат мефаҳмӣ – пирӣ…
**Посбони 1-ум** – Дар ин миён ман байни обу оташ мондам…
**Мард** – Меоянд!

*Нигоҳи ҳама сӯи дар дӯхта шуд... Мард дарро мекушояд...*

**Мард** – Марҳамат, гузаред…
**Зан** – Хуш омадед…
**Зани Калонсол** – Нури дида, тожи сар…

*Раис, Узви жамоат (зан), Узви жамоят (мард), Момодоя ва аз ақиб Посбони 2-юм ворид мешаванд.*

**Раис** – Ассалом алейкум!
**Мард** – Ваалейкум ассалом.
**Зан** – Нури дида, тожи сар…
**Зани Калонсол** – Хуш омаданд…
**Марди Калонсол** – Ана, боз як каси дигар омад!
**Мард** – Падар, даматро гир охир! Бас кун… Гузаред… Ин жо барои шумо бароҳат аст?
**Раис** – Хеле қулай аст.

*Раис ва аъзоёни жамоат мешинанд... Посбонњои 1-у-2-юм назди дар рост истодаанд. Марди Калонсол бодиққат ҳозиринро аз назар мегузаронад.*

**Мард** – Боз ягон чизе лозим аст?
**Раис** – Фақат чой, агар мумкин бошад…

*Зан як чойник чой, пиёлаҳо ва ширинињо меорад…*

**Раис** – Ташаккур, духтарам… Келин кужост?
**Зан** – Ўро жеғ занам?
**Раис** – Бале, бигузор биёяд! Фурсатро аз даст надиҳем…
**Зан** – Писарам, занатро жеғ зан!

*Марди Жавон баҳри овардани Зани Жавон меравад…*

**Раис** – Биёед, ҳама бишинем… *(Ба аъзоёни жамоат*). Хайр, оғоз менамоем…
**Марди Калонсол** – Оқибат посбонҳоро ҳам маҳкум менамоянд!..

*Зани Калонсол бо имову ишора ўро хоҳиш мекунад, ки лаб фурў бандад… Ба гўшаш пичиррос зада чизе мегўяд…*

**Марди Калонсол** – Яъне, боиси ин ҳама даву ѓеж келини мост? Қотилон!
**Зани Калонсол** – Хап шин…
**Раис** – Қабл аз ба ин жо омадан мо сатњи обро дар чалак санжидем… Мутаассифона, сатжи об бояд боз ба қадри ду ангушт боло равад, он гоњ таҳдид бартараф мешавад… Вале Момодоя назди мо омад ва аз хусуси ин вазъи ғайричашмдошт иттило дод.

*Узви жамоат (мард) аломатҳои онро зоҳир менамояд, ки сулфидан мехоҳад… Тибқи одати маъмул Зан ба ў болинро дароз менамояд… Болинро ба рўяш зер карда, бесадо сулфида… болинро жониби Зан дароз мекунад…*

**Раис** – Ман хеле озурдаам, ки баъди панжоҳ сол мо боз ба ҳамин гуна вазъият рў ба рў омадем… Бовар кунед, табъи ҳамаамон ниҳоят хира аст… Вале иложи дигар нест… Мо вазифадорем, ки қоидаҳоро риоя намоем! Чунки вазъияти мазкур ба сари кулли аҳли жамоат оқибатҳои ғамангез оварданаш имкон дорад… Ҳоло, фурсатро гум накарда, рисолати хешро бажо меорем. Жамин тариқ, кай ба шумо хабар доданд?

**Момодоя** – Имрӯз саҳарӣ. Ман фавран омадам ва муоина кардам. Баъд дарҳол ба шумоён хабар расондам… Ман хеле афсӯс мехӯрам, вале бояд огоҳ намоям, ки зан таваллуд мекунад…

**Раис** – Дар ин бобат эътимодатон комил аст?

**Момодоя** – Мутлақо.

**Раис** – Шояд зарурати боз як дафъа муоина кардани зан бошад?

**Момодоя** – Ҳожат нест… Ҳама аломатҳояш аёнанд…

**Раис** – (*ба Зани Жавон*). Фаҳмо. Наздик биёед. Барои он, ки тавлиди тифл дар шароити мӯътадил бигзарад, оё бароятон маълум буд, ки он бояд на камтар аз баъди як моҳ рух диҳад? Шумо, баръакс, дар давраe роҳ додед, ки ҳанӯз хавфи фаромадани тарма пушти сар нашудааст… Зиндагии дигар одамонро зери хавф гузошта, шумо гуноҳи жиддӣ содир кардед.

**Зани Жавон** – Аммо дар ин маврид мо гуноҳ надорем!

**Раис** – Ин гапатон чӣ маъно дорад?

**Марди Жавон** – Калонсолон ба жои мо ҳама ҳисобу китобро карданд… Дар фалон рӯз мумкин гуфтанд… Шаби аввали никоҳамонро мо дақиқ дар мӯҳлати таъиншуда гузарондем… То он дам ман зани худро фақат аз дур медидам. Мо ҳатто паҳлӯи ҳамдигар наистода будем…

**Мард** – Мӯҳтарам Раис, писарам рости гапро мегӯяд… Мо назорат мекардем, ки зану шавҳари жавон қабл аз мӯҳлати муайяншуда мабодо вохӯранд…

**Зан** – Мо ҳатто ба мулоқоти онҳо ижозат намедодем…

**Раис** – Агар ин иқдом дар замони таъиншуда ба вуқӯъ пайвастааст, пас фаҳмидани жараёни воқеа бароям душвор аст…

**Марди Жавон** – Ин таваллуди қабл аз вуқӯъ аст…

**Момодоя** – Бале, ман омодаам, инро тасдиқ намоям, – ин таваллуди пеш аз мӯҳлат аст…

**Марди Жавон** – Маълум мешавад, ки мо гунаҳкор нестем…

*Кулли ҳозирин дар чаҳорсӯ ҳаросон мемонанд... Ҳеж гоҳ ба чунин вазъият рӯ ба рӯ наомада буданд... Хомӯшии дурудароз ба миён меояд...*

**Раис** – Гунаҳкор ё бегуноҳ… Акнун чӣ фарқ дорад?.. Мо ҳатто баҳс намекунем, ки таваллуди бармаҳал аст ё дер… Дар ҳолати мазкур, алҳол, ки хавфу хатар ҳанӯз паси сар нагардидааст, зани шумо ба чунин аҳвол гирифтор шуд… Ана ин чиз моро ба ташвиш андохтааст… Дигар ҳар чизи боқимонда ба натижаи ниҳоии кор ягон иртибот надорад… Расмиёт бароятон маълум аст… *(Ризоияти хомӯшонаи аъзоёни жамоатро мегирад).* Ҳамин тариқ, Зани Жавон бояд бидуни ҳар гуна таваққуф гӯронида шавад! Мо ҳам аз чунин қарори ижборӣ хеле ғамгин ҳастем!

**Марди Жавон** – Мӯҳтарам Раис…

**Раис** – Зан метавонад ҳар лаҳза таваллуд бикунад… Наход худи шумо намефаҳмед, ки ин ба чй оқибатҳои сахт оварданаш мумкин аст?.. Хуб, агар Момодоя дар ин масъала пофишорй намояд, мо омода ҳастем татбиқи қарорро мавқуф гузорем ва бори дигар вазъиятро муҳокима кунем… Бигўед, шумо хилофи ин қарор ягон фикр доред?

**Момодоя** – Не, надорам…

**Раис** – Дар ин сурат баҳри ижрои он оғоз менамоем.

**Марди Калонсол** – Маълум мешавад, ки онҳо посбононро суд намекунанд?

**Марди Жавон** – Зани бегуноҳи маро жазо медиҳанд… Гўё бар асари кадом як қонун… Вале мо хилофи ин қонун ягон кор накардаем. Охир ҳамааш, тўй ҳам, шаби аввали никоҳ ҳам дар мўҳлати таъиншуда буд…

**Раис** – Ҳаминаш кам буд, ки ба муҳокимаи ќонунҳо пардозем ва бигузор кулли халқ нобуд гардад!

**Марди Жавон** – Ман намехоҳам, ки одамон талаф ёбанд! Вале чаро зани ман бояд ҳалок шавад?..

**Раис** – Жавони хуб, мо андўҳи туро амиқ эҳсос менамоем… Мо ҳам жавон будем… Мо ҳам дўст медоштем… Лекин ба хотири зиндагиву бахти дигарон дар ниҳоди худ қудрате биёбу аз ин озмоиш сарбаландона баро…

**Марди Жавон** – Охир яку якбора ба ин шакл таваллуд намекунанд-ку! Илтижо мекунам, биёед, камтар интизор шавем…

**Раис** – Ин ғайриимкон аст! Зиндагии тамоми жамоатро зери хатар гузоштан раво нест… Зани ту як тараф – аҳли ҳамоат дигар тараф… Имкони интихоб вужуд надорад… Як нидои зани ту кифоя аст, ки ҳамаро зинда ба зинда гўронем… Аз хусуси фарёди тифли навзод ҳожати гап ҳам намемонад… Агар ту минбаъд низ баҳри ижрои қарор монеъ шавй, мо мажбурем нисбати ту ҳам чунин қарор барорем!

**Марди Жавон** – Вале…

**Раис** – Ман ўро охирин маротиба огоҳ менамоям: «Сухан нуқра асту хомўшй тиллост!»

*Раис бо ишора ба Посбонон амр мефармояд, ки бобати ижрои қарор шурўъ намоянд… Марди Калонсол оқибат моҳияти асли воқеаро мефаҳмад…*

**Марди Калонсол** – Маълум мешавад, ки онҳо посбононро маҳкум намекардаанд! Ба замин қотилони ҳақиқиро не, балки мавжудоти бегуноҳро хокпўш мекунанд!

**Раис** – Вай боз чй сафсатта мегўяд?

**Марди Калонсол** – Ҳой ту! Як дафъа онҳоеро, ки бародарамро буғй карданд, маҳкум намуда бин!

**Раис** – Ин чй ҳарза мебофад?

**Марди Калонсол** – Ќотилони ҳақиқиро маҳкум намо! Агар ту одами далер бошӣ, маҳкум карда бин! Вале ту онҳоро маҳкум карда наметавонӣ… Вагарна онҳо туро ҳам буғӣ мекунанд…

**Раис** – Даҳонашро бандед!

*Посбони 1-ум як пора латтаро бароварда, кӯшиши бастани даҳони Марди Калонсол мекунад…*

**Марди Калонсол** – Ман акнун гуфтаҳои бародарамро дарк карда истодаам. Оҳ, мефаҳмам, ки ӯ то чӣ андоза ҳақ будааст…

**Раис** – Жунбед, зудтар жунбед…

*Посбони 1-ум ҳанӯз ҳам побанди бастани даҳони Марди Калонсол аст. Посбони 2-юм дасту даҳон ва чашмони Зани Жавонро, ки ҳеж муқобилият нишон намедод, фақат аз тарс меларзид, баст…*

**Посбони 2-юм** – Тайёр аст, Раис…

**Раис** – Олижаноб… (*ба дигарон мурожиат карда*). Ҳеж кас аз жояш нажунбад! То анжоми ижрои қарор шумо ҳамин жо мемонед… (*Ба Посбони 1-ум).* Ту ҳамин жо бош. *(ба дигар аъзоёни жамоат).* Аз жой хезед… Ижрои амрро бояд назорат кард…

*Ҳама сӯи баромадгоҳ ҳаракат мекунанд… Посбони 2-юм Зани Жавонро, ки якравӣ мекард, кашола мекунад… Дигарон шахшудаву гунгвор интизор меистанд… Марди Жавон ноаён милтиқро мегирад ва милашро сӯи онҳо равона карда…*

**Марди Жавон** – Ҳеж кас ҳаракат накунад! Биистед!

*Ҳама дасту по гум карда карахт мемонанд…*

**Раис** – Писарам, ту чӣ ният дорӣ?..

**Марди Жавон** – Ман ба шумо гуфтам, ки истед ва ҳаракат накунед…

**Узви Жамоат (зан) –** Худаш чӣ гап?

**Раис –** Ту ақлат мегирад, ки чӣ кор карда истодай…

**Марди Жавон –** Маро мажбур насозед, ки куланги милтиқро зер кунам!

**Узви Жамоат (зан)** – Ту агар кулангро зер кунӣ, милтиқ мепарронад…

**Узви Жамоат (мард)** – Аммо, агар он парронад, пас…

**Раис** – Он гоҳ ҳамаи мо мемурем…

**Марди Жавон** – Бале, ҳамаамон мемирем… Ё зани ман зиндагӣ мекунад ё ҳамаи мо мемурем!

*Ҳамагон зери даҳшат карахт шуда монданд…*

**Мард** – Писарам, мили милтиқро поин фурор…
**Зан** – Ту чӣ, моро ҳам нобуд кардан мехоҳӣ?
**Марди Жавон** – Шумо дахолат накунед…
**Мард** – Чӣ хел ин мо дахолат накунем?
**Марди Жавон** – Чӣ, ба фикратон зану кӯдакам нобуд шаванду ман ором мушоҳида намоям?..
**Мард** – Хайр, аз дастат чӣ меояд?
**Зан** – Чӣ, ба тухми зан магар қирон омадааст? Зани дигар ҳам бароят кӯдак таваллуд мекунад…
**Марди Жавон** – Маълум, ки шумо ҳеж чиро намефаҳмед… Ҳамаатон ба жоятон гузаред… Гуфтам, ки ба жоятон гузаред… *(ба Посбони 2-юм*) Ту дасту даҳону чашмони ӯро кушо!
**Марди Калонсол** – Ман бо ту, набера, ифтихор мекунам!

*Раис ва дигарон ба жои худ мегузаранд... Посбони 2-юм зуд Зани Жавонро аз банд раҳо менамояд…*

**Раис** – Даҳонам хушк шуд, об нӯшидан мумкин?
**Марди Жавон** – Бинӯш, ҳарчӣ қадар дилат хоҳад…

*Раис об менӯшад... Дигарон ҳам мажбур ташнагии худро мешикананд…*

**Раис** – Акнун чӣ кор мекунем?
**Узви Жамоат (зан)** – Интизор мешавем, фақат интизор…
**Марди Калонсол** – Медонӣ, набера, биё, посбононро суд кунем…
**Марди Жавон** – *(ба Посбони 1-ум*). Ҳой ту! Ту ҳам падар ҳастӣ. Бирав, бубин, ки сатҳи оби чалак ҳоло чӣ гуна аст! Фақат зудтар!

*Мард ва Посбони 1-ум шитобон ба кӯча мебароянд… Ҳама карахту мунтазир… Онҳо ҳаросолуду дасту по гумкардаанд. Интизорӣ идома меёбад… Мард ва Посбони 1-ум бармегарданд…*

**Мард** – Ба қадри як ангушт аст!
**Посбони 1-ум** – Рост мегӯяд, ба қадри як ангушт!
**Марди Жавон** – Шояд Момодоя саҳв кардааст! Ва ин умуман дардгир нест… Бар асари саросемакории шумо қариб буд зани ман ҳалок шавад!
**Раис** – Чиҳо мегӯӣ, писарам? Ба хаёлат момодоя дурӯғ мегӯяд?..
**Марди Жавон** – Дардгирӣ дигар такрор наёфт… Магар ин ба чашм наметобад?

*Ногаҳон Зани Жавон аз дард печутоб мехӯрад…*

**Раис** – Оҳ, Худовандо!

**Момодоя** – Вай як дам пас таваллуд мекунад!
**Марди Жавон** – (*ба Посбони 1-ум*) Даҳони ўро банд ва ба ана он тараф бар… *(ба Момодоя*). Бигузар… Модар, ту ҳам кўмак расон…
**Момодоя** – *(ба зан*) Як кафлези калон оби гарм биёр! Зудтар!
**Раис** – Фарёди тифли навзодро чй кор мекунем?
**Узви Жамоат** *(зан)* – Дарвоқеъ, нидои кўдак!..
**Марди Калонсол** – Рости гап, ман ба ин жо аз баҳри мурдан омадам… Барои ман фарқе надорад… Ҳоло ҳозир хеле хуб мефаҳмам бародарамро… Пеш аз марг ман низ фарёд задан мехоҳам… Ман фарёд кардан мехоҳам! Худи ҳозир!
**Зани Калонсол** – Гўш кун, агар журъат кардй!..
**Мард** – *(даҳони ўро маҳкам карда*) Ором шав, падар, ин ман, писари ту…
**Зан** – Писарам, ба хотири шири ба ту додаам, илтиҳо менамоям! Бозист…
**Марди Жавон** – Хап кунед, модар…

*Посбони 2-юм ноаён ба Марди Жавон наздик мешавад…*

**Мард** – Ба қадри як ангушт аст!
**Посбони 1-ум** – Рост мегўяд, ба қадри як ангушт!
**Марди Жавон** – Ақиб рав… Ҳушёр бош! Дигар журъат накун!.. Фаҳмидї!
**Посбони 2-юм** – Фаҳмидам.
**Узви Община** (*зан*) – Даҳони кўдакро маҳкам доштан лозим… Чунки вай беист фарёд задан мехоҳад…
**Раис** – То дами лаболаб пуроб шудани чалак маҳкам доред…

*Нолаи қувватгирандаи Зани Жавон ба гўш мерасад… Нолаҳо фурўнишандаанд ва аз қаър ба рў мезананд. Нолаҳо басанда мегарданд… Гулдурроси тасаввурнопазири хандаи тифл садо медиҳад… Танинандозии хандаи гўшкаркунанда… Хомўшии том… Танини ханда аксандозй меёбад… Боз хомўший фаро меояд… Ҳамагон ба даҳшат омада интизор меистанд, баъзҳо ибодат мекунанд… Хомўшии комил…*

**Раис** – Нафаромад!
**Узви Жамоат** *(зан)* – Эҳтимол, акнун намефарояд…
**Узви Жамоат** *(мард)* – Худованд мададгор бод…
**Марди Жавон** – Лаб фурў бандед!

*Як муддат хомўшїй ҳукмфармо мегардад… Марди Калонсол қайричашмдошт аз дасти Марди Жавон милтиқро зада мегирад, дарро мекушояд… Бо тамоми ҳастияш дод мезанад…*

**Марди Калонсол** – Ҳе-ҳе-ҳе-ееей!

*Як фурсат пас садои фарёди ӯ аксандозӣ меёбад... Вай аз милтиқ мепарронад... Садоҳои тирпаррониҳои милтиқро садои нағора ва сурнай иваз менамоянд...*

ПАРДА

*Таржумаи Абдуғаффор Абдужаббор*